# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони МТМУ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷу Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони МТМУ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» бе шубҳа мубрам баҳисоб меравад, зеро асоси ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон маҳз дар синфҳои болоӣ гузошта мешавад. Масъалаи мазкур боз аз он ҷиҳат мубрам ба ҳисоб меравад, ки ташаккули рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагон имкон медиҳад, ки вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир насли навраси дорои тафаккури баланду созанда тарбия карда ба воя расонида шавад. Бо такя ба зиддиятҳои ошкоршуда, мушкили таҳқиқот муайян гардид, ки он дар набудани таҳқиқотҳои илмӣ дар заминаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯиву эҷодӣ ҳангоми истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зоҳир мешавад. Маҳз ин мушкилот барои интихоби мавзуи таҳқиқот, яъне «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» асос гардид.

Асоси илмӣ-назариявии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир меёбад, ки қобилиятҳои эҷодии хонандагон дар ҳалли мушкилоти ҷустуҷӯи роҳҳои нави ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ ифода меёбад, ки ба рушди эҷодӣ ва истифодаи ғайристандартии донишҳо мусоидат мекунанд. Ин донишҳо метавонанд беҳтарин роҳро барои ҳалли мушкилоти гуногуни касбӣ ва рӯзмарра пайдо намоянд, барои муҳаққиқони баъдӣ метавонад ҳамчун замина хидмат намояд. Натиҷаҳо, асосҳои аҳамияти назариявии

таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои гирифташуда асосноккунии назариявии сохтори қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон ҳангоми истифодаи ТИК дар марҳилаи равандҳои рушди онҳо; муайянкунии ҷузъҳои мақсаднокӣ, мухтаводор ва протсессуалӣ будани қобилиятҳои қайдшуда саҳмашро мегузорад. Муқаррароти таҳқиқот метавонад ҳамчун асосҳои назариявӣ барои таҳқиқотҳои оянда дар самти баландбардории сифати омодагии касбии хонандагони МТМУ, ҳамчунин дигар предметҳо дар соҳаи ҷустуҷӯи самаранок, воситаҳо ва шаклҳои таҳсил хизмат кунад.

Аз таҳлили кори илмии унвонҷу Файзалии Мирзоали аён мегардад, ки он дар масъалаи рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони МТМУ саҳми муайяне гузоштааст. Хулосаҳои дар таҳқиқот овардашуда ба он далолат менамоянд, ки муҳақиқ тавонистааст ҷанбаҳои ташхис ва як қатор мушкилиҳои дар кори омӯзгорони синфҳои болоӣ хосбударо ошкор созад ва барои бартараф намудани ин мушкилоти тавсияҳои судмандро пешниҳод намояд. Саҳми шахсии унвонҷӯ дар ҳамаи зинаҳои таҳқиқот, дар назарсанҷӣ оид ба вазъи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ташкил ва гузаронида шуд, ки дар таҳлили натиҷаи озмоиши педагогӣ ва шарҳи хулосаҳои рисола иштироки бевосита намудааст.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти анҷомдодаи унвонӯ Файзалии Мирзоали дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ ва эҷодии хонандагони МТМУ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ба он далолат мекунад, ки истифодаи ТИК ба ташаккул додани дониш, маҳорат ва малакаи дар хонандагон воқеан масъалаи мубрам буда, ҳануз ҳамаи паҳлуҳои он бозкушоӣ карда нашудааст.

Таҳқиқоти мазкур кори мустақилона анҷомёфта буда, муаллифи он Файзалии Мирзоали сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз, д.и.п. профессори
кафедраи забони русии
МДТ "ДДТТ"ба номи
Абуалӣ Ибни Сино Юлдошев У.Р.

Маълумот барои тамос: Шаҳри Душанбе, хиёбони Сино 29-30; 48/5
Тел.+992985296478,; Почтаи электронӣ: 25@tajmediunl.tj

имзо/подпись Юлдошев У.Р.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
"___" ______ 20__ с/г

«30» 04 2025